# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи илмии Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон». Душанбе, 2018. -170 с.**

Сорбон бинобар маълумоти Дилбар Қаюмова, аз нависандагони баркамоли адабиёти муосири тоҷик буда, ҳанӯз аз давраҳои аввали эҷодиёташ бо мавзӯъҳои ҷолибу сабки нигориш, характерҳои барҷастаи образҳои бадеӣ диққати муҳаққиқон М.Шакурӣ, С.Табаров, А.Сайфуллоев Хоҷаева М. ва дигаронро ба худ мекашид. Эҷодиёташ ҳанӯз соли 1972 дар қатори Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод ва дигарон мавриди муҳокимаи олимони умумииттифоқ қарор гирифта буд. Вай ҳамчун Нависандаи халқии Тоҷикистон шинохта шуда, куллиёти осорашро солҳои 2009-2010 дар ёздаҳ ҷилд ба нашр расондааст. Дар бораи шахсияти ӯ ва эҷодиёташ аз ҷониби муҳаққиқон дар раванди адабиёти муосир ва дар алоҳидагӣ асарҳои пурмуҳтавои илмӣ навишта шудаанд. Эҷодиёташ муттасил мавриди пажӯҳищи мутахассисону донишмандони худию хориҷӣ будааст.

Унвонҷӯ Дилбар Қаюмова таҳти раҳбарии донишманди заковатманд Матлуба Хоҷаева эҷодиёти серпаҳлӯи Сорбонро аз нигоҳи хусусиятҳои жанрию услубӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, як рисолаи воқеан тоза ва нодири илмӣ таълиф кардааст. Диссертант кӯшиш менамояд, ки дар асоси назарияҳои тозаи илми адабиётшиносӣ, ки миёни муҳаққиқони Русия ва донишмандони форсию тоҷикзабон вуҷуд доштанд, фаровон истифода намуда, хулосаҳои тозаи жанрию услубӣ мебарорад.

Д.Қаюмова аз эҷодиёти фароху доманадори Сорбон танҳо ҳикояву повестҳояшро аз диди жанру услуб ба пажӯҳиш гирифта, дар бораи роману ёддошт низ бетараф набудааст. Мо дар рисола аз ҳамаи паҳлӯҳои эҷодиёти нависандаи хушзавқ бархурдор шуда, дар маҷмӯъ бо эҷодиёти яке аз беҳтарин адибони навнигори ҷӯянда шинос мешавем.

Рисола аз бобу фаслҳои ҷудогона иборат буда, симои Сорбонро ҳамчун нависандаи боистеъдод дар мактаби адабии замони шӯравӣ ва имрӯзи соҳибистиқлол нишон медиҳад. Табиати рисола сирф пажӯҳишист, муаллиф осори Сорбонро тасниф намуда, эҷодиёти доманадорашро аз нигоҳи насри психологӣ, насри лирикӣ, насри таърихӣ, насри ахлоқӣ ва мавзӯи деҳот ба таҳқиқ мегирад. Вай ташаккули шахсияти эҷодии нависандаро дар ду давраи муҳими таърихӣ—замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андеша қарор дода, навиштаҳояшро дар миёни адибони ҳамнасл–Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, А.Самадов аз бисёр ҷиҳат махсус ба худи ӯ ҳамчун адиби дарунмояи эҷодӣ таъйин менамояд. Баъзе намунаҳои чунин андеша аз аввал каму беш гуфта шуда, баъд муҳаққиқону адибон пурра бовар ҳосил менамоянд, ки вай воқеан нависандаи маъниҳои дарунмоя буда, дар миёни адибони тоҷик камназир мебошад.

Муаллиф адибони насли аввали мисли С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, Ф.Ниёзӣ ва монанди онҳоро адибони таърихнигор номидааст, ки бештар гузаштаю ҳозираи замони худашонро бо чашми ибрат таҳқиқ менамуданд. Масалан, онҳо душманони ҷомеа, беадолатиҳои онон, оштинопазир мубориза бурдани қаҳрамононашонро ба ҳадде шадид нишон медоданд, ки ёрои худтаҳлилкунӣ надоштаанд. Ин фикри соҳиби рисола асоси дурусти илмӣ дошта, лекин, бо вуҷуди ин, намунаҳои андешаву тааммуқ пурра набошад ҳам, баъзе ҷузъу намуна дар осорашон дида мешуданд. Унвонҷӯ нависандагони баъди солҳои шастум ва то имрӯзро адибони сабки тоза ба қалам медиҳад, ки дар баробари такя кардан ба адибони пешин аслан ба мавзӯъҳои нави ҳозиразамон талош доранд. Адибони нисбатан ҷавони баъди солҳои шастум, аз ҷумла Сорбон дар фаҳму фаросоти муаллифи рисола, андешапарвар, ботинан фаъол буда, маҳсули давраи нави инкишофи адабиёт мебошанд. Муаллиф дар фасли

аввали боби якум муваффақият ва дастовардҳои сад соли адабиёти муосирро якояк аз назар гузаронда, нақши эҷодиёти Сорбонро дар ин мобайн бо хосиятҳои нави эҷодиёташ муайян карда, воқеан ӯро яке аз адибони пешқадами замони худ мешиносад ва аз пайи бузургтарин адибони дунё, аз ҷумла, Ч.Айтматов раҳсипор шуданашро таъкид менамоянд.

Ба фикри муаллиф, Сорбон сухани маънавиро асоси эҷодиёти бадеӣ медонад. Ҳатто мулоҳизаҳои А.Набиевро мисол оварда гуфтааст, ки тадқиқи бадеии ҷаҳони маънавии қаҳрамонро бештар Сорбон дар уҳда доштааст. Х.Шарифов баъзе ҳикояҳои Сорбонро новеллаҳои хурд номидааст. Аксари адибону муҳаққиқон повести «Ҷӯгӣ»-ро дар баробари «Достони писари Худо» намунаи равшани насри бадеии тоҷикӣ муаррифӣ менамоянд.

Д.Қиёаюва дар фасли «Эҷодиёти Сорбон аз назари мунаққидон» ба тариқи хулоса фикреро изҳор менамояд, ки мунаққидони худиву хориҷӣ, хусусан дар танқиди ҷорӣ  ва баҳси «Садои Шарқ» ӯро бо муҳаббат  ёд намуда, нависандаи чирадаст ва муҳимтарин нависандаи  адабиёти муосир мешиносанд. Лекин дар аввали эҷодиёт ӯ тез-тез ба танқид мувоҷеҳ мешуд, ки аз устод Ҷ.Икромӣ шурӯъ шуда, М.Шукуров, М.Раҷабов, гоҳ-гоҳ А.Набиев ҳам ҳамовоз мегардид, А.Сайфуллоев танқиди эҷодиёти ӯро хеле боло бардошт, лекин, ба фикри мо, ин ҷиҳати назари донишмандон, ба кам мавриди истиқбол қарор гирифта, дуруст кушода нашудааст. *Танқиди эҷодиёти ӯ аз кадом ҷиҳат аст, кадом паҳлӯйи эҷодиёташ ба танқид мойил мебошад, чаро ӯро танқид мекарданд, равшану возеҳ баррасӣ нашудааст. Дар ин бора баъзе ихтилофи назар ҳам шудааст: худи нависанда як ҷо мегӯяд: «Ман кони кашфношуда ҳастам, ки ҷуз адабиётшиноси номдор А.Сайфуллоев дигаре сарфаҳм нарафтааст. Сабаби танқиди Ҷ.Икромӣ нависандаи ҷавонро «як масъалаи хонаводагӣ ҳам ҳаст» гуфтан чӣ маънӣ дорад? Дар миёни*

*матни рисола ин қайдҳоро накушода ба ҳоли худ гузоштан, мо гумон мекунем, дуруст нест.*

Диссертант дар тасвири «анвои адабӣ» ҳикояву повест, роман ва асарҳои публисистию ёддошт доштани Сорбонро қайд менамояд, вале дар ин миён изҳор доштааст, ки муаллиф ҳамеша ҳикоя менавишт ва менависад, повест низ раҳкушои эҷодиёти ӯст, дар замони истиқлол бештар роман навиштааст. Дар як қисм романҳои солҳои охир навишташуда, менависад муҳаққиқ, ба мисли «Кадевар», «Росу», «Барзгар» сифатҳои бади ҳамватанонамон дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он ба тасвир омадааст.

Боби дуюм «Вижагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанриву сохтории осори Сорбон» ном дошта, муҳаққиқи рисола ҳар кадом жанри адабии дар осори адиб вуҷуддоштаро батаанӣ таҳлилу тадқиқ менамояд. Муаллиф як қатор беҳтарин ҳикояҳои адибро ба унвони «Гулзамон», «Хоб», «Бодбарак», «Нақши рӯйи барф», «Хонаи арӯс», «Сурати нотамом» ва ҳ. хурд-хурд маънидод карда, баъзеро бо чанд сухани мунаққидон А.Сайфуллоев, Ҷ.Бақозода ҷамъбаст менамояд. *Мундариҷаи ҳикояҳо ҷолиб буда, мутаассифона, ин жанр аз ҷиҳати назарӣ аз ҷониби муаллифи рисола ҳамаҷониба таҳлилу тадқиқ надидаанд.*

Лекин муаллиф сайри таърихии повестро ҳарҷониба ба таҳқиқ кашидааст, Вай ин жанрро дар адабиёти рус, Аврупо, миёни форсизабонон, дар асрҳои миёна ва адабиёти ҳинд ба мушоҳида гирифта, дар бораи он аз ҷиҳати мавзӯу муҳтаво муфассал изҳори ақида менамояд. Вай дар аҳди пешин аз эҷодиёти Носир Салимов (намунаҳои қуръонӣ, омиёнаи мисли достонҳои мардумӣ, мазҳабии сӯфиёна, ишқии романтикӣ, ҷавонмардӣ) баҳра гирад, дар замони муосир худро тарафдори А.Сайфуллоев (ҳозирамавзӯъ, мустанад, таърихӣ, фантастикӣ, афсонавӣ, ҳаҷвӣ, моҷароҷӯӣ) медонад ва аз ҷиҳати назарӣ (масалан, таърифи он, сохтори

дохилӣ) ба тарафи Р.Мусулмониёнро майл менамояд. Чунон ки мебинем, муаллифи рисола ба таҳлилу тадқиқи повестҳои Сорбон «Занги аввал», «Санги сипар», «Буд, набуд», «Сабо», «Шинели падар», «Ҷӯгӣ», «Чархи эҳтиётӣ», «Дашти морон», «Қумрӣ» гузашта, аз сайри таърихию ҷаҳонии он мулоҳиза ба миён гузошта, сипас аз ҳамин дидгоҳ эҷодиёти нависанда Сорбонро муоина ва ба андеша мегирад. Кошки муаллиф ҳикояҳоро ҳам ҳамин тавр аз назар гузаронда, дар атрофи онҳо ҷиддӣ ва пурмӯҳташам ба мулоҳиза медаромад, он гоҳ дар диссертатсия ҳар ду паҳлӯ баробарвазн ба чашм менамуд. Мутаассифона ин тавр нашудааст.

Хулосаи муҳаққиқ дар бораи повест чунон аст, ки  он барои тасвири характери қаҳрамон, созгор шуда, дар дигаргун сохтани тақдири одамон, нақши чеҳраҳои барҷаста, шуури ҷаҳоншиносии ҳамватанону ҳамзамонон, пайванду ихтилофи мардум кӯмак расонд. Як хусусияти таҳқиқи муаллиф аз он иборат шудааст, ки вай повестро аз ҳар ҷиҳат омӯхта, бо дигар повестҳои худиву хориҷӣ дар муқоиса гузошта, дар мавридҳои зарурӣ аз мулоҳизаҳои муҳаққиқони таҷрибакор мисли М.Шакурӣ, С.Табаров, А.Сайфуллоев, Ҷ.Бақозода, А.Набавӣ ва дигарон зиёд корбар мешавад. Пас майли адабиётшиносону адибон аз ҳикоя дида ба повестҳои Сорбон зиёдтар дида шудааст, повестҳои адиб аз ҳикояҳояш чанд баробар пурмӯҳтаво ва шукӯҳмандтар менамоянд. (Аз рӯйи мулоҳизаи диссертант, Сорбон ба ҳикоя ҳавасманд аст, ҳамеша ҳикоя навишта истоданро дӯст медорад, ҳикоя жанри басо мураккаби адабиёти тоҷик буда, дар асоси сад ҳикоя як китоби ҷудогонаи ин жанрро таҳия кардан орзу доштааст).

Мо дар фасли «Характер ва олами ботинии қаҳрамон» андешаҳое аз шахсиятҳои иқтидорманд, қавию зӯрманд мушоҳида мекунем. Ҳокиму Ашӯра, Сабою Ҳусен, Ҳабибаю Ҷовидро ҳанӯз аз аввали эҷодиёт М.Шукуров, В.Боршаговский, Н.Кладо бо чунин сифатҳо шинохта буданд. Баъд ин намунаҳо дар эҷодиёти Сорбон давра ба давра афзудан гирифтанд.

Муҳаққиқон Сорбонро дар барҷаста ифода кардани олами ботинии қаҳрамонон ва характерҳои барҷастаи онон аз намоёнтарин адибони тоҷик мешиносанд. Дар фасли «Инъикоси руҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ» ба руҳи устувор ва андешаҳои олӣ диққат дода, воқеаҳои гуногуни замони гузаштаро бо муаммоҳои имрӯза омезиш медиҳад. Муаллдиф дар ин фасл рӯҳи замонро дар бисёр воқеаҳои таърихӣ, ки халқи тоҷик аз сар гузарондааст, ҳамзамон дар эҷодиёти адибони тоҷик Сайф Раҳими Афардӣ, А.Самадов, Ӯ.Кӯҳзод, Баҳманёр нишон дода, инчунин эҷодиёти Сорбонро бо онҳо ба муқоиса мегузорад. Яъне ба фикри ӯ, тоҷикон бар асари зулм дидан, тобеи дигар халқу миллатҳо шудан, асолати хуби зиндагӣ надоштан ҳофизаи хуби таърихиашро аз даст дода, табиати тобеӣ пайдо кардан гирифтанд. Тобеъ будан ба замону фаромӯш кардан ва нодида гирифтани имконоти мавҷудаи маконро диссертант боиси хорию зиллати халқ медонад. Масалан, ба фикри муаллифи рисола, дар оғози салтанати шӯравӣ ҳазорон ҳазор китоб, фарзандони номии халқ аз дасти худи ин мардум ба нестӣ расиданд, гаҳвораҳои тамаддуни миллӣ бегона шуданд. Тоҷикон аз номи сарварони сиёсӣ ба фарзандони худ зулм карданд. Муаллиф ин гуна ҳодисаҳоро ба ҷуз осори Сорбон дар эҷодиёти Сайф Раҳимзоди Афардӣ, К.Мирзоев, А.Самадов, Кӯҳзод низ намунаҳо меорад. Ҳосилот Карими Мушро аз баҳри як рӯймол гандум, ки фарзандони хурдсолаш аз гуруснагӣ намуранд, тарсонда ба ҳалокат расонд. Забури бераҳм ба ҷияни худ Шаҳбону чунон ситамҳое раво дид, ӯро ба Ҳомид қӯрбошӣ тортуқ кардан хост, ки вай дар гӯрхонаҳо хоб мерафт. Вақти аз миллааш кашидан Офтобхон гуфтааст: «Наход барои нафс шуда, хуни худро ҳаром кунӣ. Ҳатто Чингизхон дили тифли гаҳвораи Ҷалолиддини Хоразмшоҳро канда ба пеши саг парто гуфт, ин хел даҳшатангез нанамуда буд. Агар Чингизхон бегона буд, Шаҳбону духтари Мурод, ҷияни ту, дилу ҷигари туст». Сорбон, ҳамин хел, аз ноадолатиҳои иҷтимоии халқи худ, мардуми худ ба ҷуз

бегонагон боз зиёдтар андеша кардааст.

Боби сеюм «Ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон» номида шуда, яке аз қисмҳои зарурии рисола ба шумор меравад. Муаллиф дар ин ҷо аз қонуниятҳои забони адибон, муаллифоне, ки бо забони эҷодиёти Сорбон кордор шудаанд (Р.Ғаффоров, Ш.Рустамов, М.Шукуров, А.Сайфуллоев), луғати осори ӯ аз лаҳҷа (200 калима бештар кор фармудааст – Р.Ғаффоров), мулоҳизоти онҳо дар бораи услубу забони эҷодиёти Сорбон, бештар калимаҳои шакли тоҷикӣ кор фармуданаш (ба мисли коза, полон, поғунда, огард, гӯшона), истифода бурдани зарбулмасалу мақол, санъатҳои бадеии ба мисли ташбеҳу ташхис, кинояву истиора, сифатчинӣ, мақоми ровӣ дар эҷодиёти бадеӣ сухан рондааст. Хизмати Сорбон воқеан, аз он иборат шудааст, ки вай ба ҳусни сухан, табиати андешаҳои миллӣ диққат менамояд. М.Шукуров тамоили шеърияти сухани ӯро ба таъкид гуфтааст, ки «ташбеҳҳои ӯ хеле аҷиб буда, баъзе ба ташбеҳҳои Айниву Икромӣ шабоҳат пайдо карда, дар шаклу мазмун наванд. Муаллифи рисола ҳам иқрор мешавад, ки санъатҳои бадеӣ бояд ҷаҳони ботинии инсонҳо ва инқилобу талотумҳои дарунии образу персонажҳоро инъикос кунад, вагарна хидмати иҷтимоии худро адо карда наметавонад.

Дар охири рисола мехонем, ки Сорбон барои дилчаспу тааҷҷубовар шудани қиссаҳои худ аз ривояту афсона, рамзу манзара, монологу диалог васеъ истифода менамояд. Афсонаву асотир дар аксари навиштаҳои ӯ вуҷуд дошта, нависанда бо ин роҳ ба мағзу моҳияти армонҳои миллии одамон, ҳиссиёти дарунии онҳо, кушодани характеру тинати ботинии образҳо ёрӣ мерасонад. Композитсия, манзараҳои табиӣ, чеҳраофаринӣ, қиёфасозӣ, диалогу монолог, сайру шикор, анъанаҳои миллӣ ҳамчунин ифодагари мавзӯъҳои асосии асари бадеӣ будааст.

Дар охир низ зарур медонам мулоҳизоти хешро дар бораи баъзе ҷузъиёти рисола изҳор намоям:

*1. Мулоҳиза дар бораи насри лирикӣ ё шеъри мансур имрӯз дар миёни адибони ҷаҳон маъруфият дорад, он дар насри тоҷикӣ низ рӯз то рӯз қувват ва ҳосили тоза пайдо менамояд. Муаллиф дар бораи он бафурсат андеша карда, аз махсусиятҳои дохилӣ ва даруниии насри лирикӣ, аз ҷумла эҷодиёти Сорбон намунаҳо наовардааст. Муаллифи ин сатрҳо аз ин хусус дар китоби дар бораи С.Айнӣ навиштааш «Ақидаҳои адабӣ ва назари эстетикии устод Садриддин Айнӣ», Дониш, 2008 маълумот дорад.*

*2. Такрори баъзе фикру андешаҳо аз хусуси Сорбон ва асарҳои ӯ ҷо-ҷо дида мешаванд. Дар Муқаддима нишонаҳои адабиёти истифодашуда бо рӯйхати адабиёт созгор нестанд. Дар нисбати қаҳрамон, образ, персонаж бояд тафриқа дида шавад. Муаллиф ҳамаро ба унвони «қаҳрамон» ном мегирад.*

Рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна яке аз беҳтарин намунаи рисолаҳои илмист, ки ба эҷодиёти Сорбон бахшида шудааст. Вай дар ин рисола ҳамаи мулоҳизоти аз тарафи адибону муҳаққикон изҳоршуда ва навиштаи Шукруллоҳиро ҳам вобаста ба фаслу бобҳо ҷойгузин намуда, монографияи хуби илмӣ ба вуҷуд овардааст. Чанд нукта, ки гирифтем, аҳамияти асари пурмӯҳтаворо кам намегардонанд. Фишурда бо мундариҷаи рисола мувофиқат менамояд. Рисолаи илмии навиштаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» ба ҳамаи талаботи ВАКи Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор буда, бо ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ мебошад.

**Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович,**
доктори илми филология, профессор,мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, АИ ҶТ

12.09.2018

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ * АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * МӮҲРИ КАДР